**Хулосаи**

**комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 070009 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст.**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Баҳорзода С.А. дар шароити имрӯзаи илми таърих мубрам ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои бозҳам ба таври мушаххас омӯхтан ва равшан намудани таърихи охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и халқи тоҷик равона шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия фарогири масъалаҳое мебошад, ки як марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷикро ба таври мушаххас инъикос менамояд. Таҳқиқот аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 070009 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, таҳти №24 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи

фехристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарои Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои ассосии таҳқиқот дар 5-мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мбошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллифи инъкоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти илмии Баҳорзода С.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи аспирант Баҳорзода С.А. Маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Баҳорзода С.А. дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 070009 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

1. Намоз Ҳотамов – д.и.т., профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. Набиев Абдухолиқ Мирзоевич – н.и.ф., ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуки дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
Доктори илмҳои таърих, профессор Муҳиддинов С. Р.

**Аъзои комиссия:**
Доктори илмҳои таърих, профессор Зикирёева М.Ф.

Доктори илмҳои таърих Собирова Қ.Д.

27.04.2023